**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-002 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Парвандаи аттестатсионии №__________________**

**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 13.10.2020 с., тахти №32**

Бораи сазовор донистани Қосимов Файзалӣ Маҳмадович аз рӯйи, диссертатсия ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ санаи 14-уми феврали соли 2020, суратмаҷлиси № 14 аз ҷониби шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2019, №133 тасдиқгардида) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Қосимов Файзалӣ Маҳмадович 19 июли соли 1967 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1993 ба Мактаби Олии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1998 хатм намудааст. Аз соли 2014 то соли 2019 унвонҷӯи шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. (фармоиш дар бораи қабул аз 08.05.2014 с., № 36).

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шоҳиён Абдусаттор** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Қудратов Н.А. имзо ва аз ҷониби Ректори «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Фақеров Ҳ.Н., тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Қосимов Файзалӣ Маҳмадович дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» аз рӯи навгонии илмӣ, мубрамият ва аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳо 10-12, 14 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок мебошад. Оид ба мавзӯи диссертатсия 4 дастури таълимӣ ва 20 мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст, ки 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиядиҳанда бо ҳаҷми умумии 9 ҷузъи чопӣ нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**1.Косимов Ф.М.** Институт оперативно-розыскной деятельности в истории государства Саманидов // Журнал Публичное и частное право. Выпуск 1 (XXV) январь-март. – Москва: 2015. – С. 102-108.

**2.Косимов Ф.М.** Становление и развитие оперативно-розыскной деятельности в Республике Таджикистан // Журнал Публичное и частное право. Выпуск 1 (XXV) январь-март. – Москва: 2015. – С. 109-112.

**3.Қосимов Ф.М.** Аз таърихи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Тоҷикистон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз (Паёми МТС). № 3 (46) – 2015. – С. 99-106.

**4.Косимов Ф.М.** ОРД-сущность, содержание и периодизация, совершенствование и развитие в истории Таджикистана (некоторые историко-правовые фрагменты) // Журнал Правовое поле современной экономики, №3, – Санкт-Петербург, 2016. – С. 185-191.

**5.Косимов Ф.М.** Постсоветский Таджикистан и особенности оперативно-розыскной деятельности // Журнал Юридическая наука: история и современность, №8, – Санкт-Петербург, 2016. – С. 159-168.

**6.Мачидзода Ҷ.З., Қосимов Ф.М.** Гирифтани иттилоотӣ компютерӣ // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон № 2 (26), 2018. – С. 83-88.

**7.Қосимов Ф.М.** Становление оперативно-розыскной деятельности в Туркестанском Генерал-губернаторстве // Академический юридический журнал Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан № 4 (28), 2018. – С. 18-23.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷалаҳои даврӣ чоп шудаанд:**

**8.Косимов Ф.М.** Исполнение Закона Республики Таджикистан «Об оперативно-розыскной деятельности», в условиях глобализации и новым угрозам и вызовам // Труды Академии *(научный журнал)* № 3 (23). – Душанбе: 2014. – С. 31-34.

**9.Косимов Ф.М.** Оперативно розыскная деятельность и её Конституционные основы в Таджикистане. Конституционные аспекты современного состояния законодательства Республики Таджикистан: материалы международной научно-теоретической конференции. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – С. 94-99.

**10.Қосимов Ф.М.** Пешбарандаи равияи Шумилов // Осори Академия *(маҷаллаи илмӣ)* № 2 (26). – Душанбе: 2015. – С.8-12.

**11.Косимов Ф.М.** Историко-правовое становление и развитие оперативно-розыскной деятельности в Таджикистане // Труды Академии *(научный журнал)* № 1 (25). – Душанбе: 2015. – С. 39-43.

**12.Асламов Б.С., Косимов Ф.М.** Экстремизми стратегӣ: шакл, мазмун, омилҳо ва усулҳои пешгирии он // Осори Академия *(маҷаллаи илмӣ)* № 2 (26). – Душанбе: 2015. – С. 37-41.

**13.Асламов Б.С., Косимов Ф.М.** Создание единой системы безопасности стран Центральной Азии - необходимая мера обеспечение стабильности региона (геополитический аспект) Государственное управление *Научно-политический журнал* Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан № 2 (26) – Душанбе: 2015. – С. 92-103.

**14.Асламов Б.С., Косимов Ф.М.** Равандҳои геосиёсии Тоҷикистони муосир ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ. Баромад дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» -Душанбе. 2016.– С. 137-142.

**15.Косимов Ф.М., Махмадов Х.Ф.** Профилактика экстремизма и девиантное поведение в молодёжной среде Республики Таджикистан // Труды Академии № 1 (33). – Душанбе: 2017. –С. 107-111.

**16.Қосимов Ф.М., Асламов Б.С.** Нақши ҷавонони Тоҷикистон дар ваҳдати миллӣ ва таҳкими он // Осори Академия *(маҷаллаи илмӣ)* № 2 (34). – Душанбе: 2017. –С. 100 -104.

**17.Сафаров Ҳ.С., Қосимов Ф.М.** Сиёсати давлатӣ дар самти пешгирии нашъамандӣ ва гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор. Журнали илмӣ «Наркофронт» № 1, 2017. – С. 96-102.

**18.Қосимов Ф.М., Латифзода С.З.** Истифодаи донишҳои психологӣ дар фаъолияти кории корманди оперативӣ // Идоракунии давлатӣ (маҷалаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) № 3 (37) – Душанбе: 2017. –С. 92-103.

**19.Қосимов Ф.М., Абдурашидзода А.А.** Ҷойгоҳ ва ҳуқуқи зан дар ҷаҳони ислом. Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ: маводи I-умин конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 70-умин солгарди рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон // – Душанбе: Матбааи РТМТ ва Н-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – 218 с.

**20.Қосимов Ф.М.** Омӯзиши озодии афкори ҳуқуқи инсон дар «Шоҳнома»-и Абдулқосим Фирдавсӣ. Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ: маводи I-умин конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 70-умин солгарди рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон // – Душанбе: Матбааи РТМТ ва Н-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – 218 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, аъзои ҳақиқии Академияи илмҳои умумиҷаҳонии амнияти дастаҷамъӣ, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Р.Ҳ.; доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Академики академияи илмҳои табиии Россия, аъзо-кореспонденти Академияи илмҳои мушакӣ ва артиллерии Россия, мудири кафедраи адвокатура ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии иҷтимоии Россия Захарсев С.И.; муовини сардори кафедраи фанҳои ҳуқуқи давлатии муассисаи федералии давлатии таҳсилоти олии «Донишкадаи ҳуқуқи Белгороди Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия ба номи И.Д. Путилин» номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Меняйло Д.В.; Раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ Одиназода Р.С.; мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Каримов А.Қ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои баҳснок манзур шудааст. Эродҳо асосан масъалаи васеътар тавзеҳ додани омилҳои сиёсати дохилию берунии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таъсири ҷаҳонишавӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, нақши дигар омилҳо дар ташаккули фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҷдиди роҳҳо ва усулҳои баланд бардоштани шуури ҳуқуқии аҳолӣ оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, овардани иқтибосҳо аз Эъломияи Куруши Кабир ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ, тавзеҳи халқ ҳамчун субъекти сиёсати ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро фаро мегиранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ:**

- асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ **коркард гардидааст**;

- заминаҳои таърихӣ-назариявӣ ва усулии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ **мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст**;

- мафҳум ва сохтори фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ **муайян ва пешниҳод гардидааст**;

- таснифоти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гузаронида шуда, функсияҳои он **ошкор карда шудааст**;

- нақши фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди ташкили давлатдории навини тоҷикон **таҳлил шудааст**;

- хусусиятҳои фарқкунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар алоқамандӣ бо фанҳои дигари ҳуқуқшиносии муосири миллии тоҷикон **нишон дода шудааст**;

- омилҳое, ки ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон таъсир мерасонанд, **муайян ва тавзеҳ дода шудаанд**;

- нақши сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба ҳуқуқи инсон дар баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон **таҳлил шуда,** мафҳум, субъектон, принсипҳои он **пешниҳод шудааст;**

- таълим дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва нақши он дар боло бурдани фарҳанги ҳуқуқи инсон **таҳлил гардидааст**.

**Аҳамияти назариявии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он:**

**-** маводи рисолаи мазкур фаҳмишҳои илмии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд;

- натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки роҳҳои асосии ташаккулёбии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, самтҳои асосии баланд

бардоштани он дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд муайян карда шаванд;

- дар рисола фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳои миллӣ таҳлил шудааст. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқот барои пешгирии маънидоди гуногуни сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ҷараёни ҷаҳонишавии он самарбахш хоҳанд буд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ҳалли вазифаҳои гузошташуда тавассути равишҳои муосири идрок-усули диалектикӣ, системавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, таърихию муқоисавӣ, мантиқӣ, тасвирӣ ва ғайра истифода бурда шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- нуктаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисола пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, таълим дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд;

- ҳангоми таълими фанҳои «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Таърихи давлат ва ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ», «Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», «Ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ» ва дар курсҳои махсуси «Ҷиноятҳои муташаккил», «Хусусиятҳои ташкили фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мубориза бар зидди қонунвайронкунии ноболиғон», «Хусусиятҳои ташкили фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар нақлиёт», «Самтҳои асосии инкишофи дастгоҳҳои оперативӣ дар вазъияти имрӯза нақши он дар сохти давлати ҳуқуқбунёд» ва монанди инҳо ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурда шаванд;

- аз назари қонун ва меъёри ҳуқуқ ба роҳ мондани муносибати дуруст дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва шинохти инсон кӯмак мекунанд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсия муаллиф аз осори илмии олимони тоҷику рус, ба монанди А.И. Александров, В.М. Атмажитов, В.Г. Бобров, В.А. Богомолов, А.И. Васильев, Б.Б Глазунов, К.К. Горяинов, В.Ю. Голубовский, С.И. Захартсев, Ҷ.М. Зоиров, (Ҷ.М. Зоир), В.Н. Зайковский, А.П. Исаченко, А.А. Қаҳҳоров, А.Е. Казак, В.И. Михайлов, Р.С. Мулукаев, Н.Д. Назарзода, Р.Х. Раҳимзода, А.Ш. Розиқзода, В.П. Салников, Р.Ш. Сотиволдиев, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, Э.Б. Буризода, И.Д. Сафаров, Ф.Р. Шарифзода ва дигарон истифода намудааст.

**Баррасии эътимодноки натиҷаҳои тадқиқ нишон доданд, ки:**

– нуктаҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти илми фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба масъалаҳои мазкур ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

– натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва боз ҳам беҳтар намудани ҳолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Тоҷикистон хизмат мекунанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** бо ширкати бевоситаи ӯ дар тадқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ ва 20 интишорот ва 4 дастури таълимии ӯ исбот карда мешавад.

Дар ҷаласаи санаи 13 октябри соли 2020 шӯрои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Қосимов Файзалӣ Маҳмадович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 6 нафарашон докторони илм аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 13 нафар аъзои шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 13 нафар, муқобили нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**13 октябри соли 2020**